# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 55
# КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗУЪҲОИ АСОСӢ:

- **Мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши шуроҳои маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар таҳкими рушди иқтисодӣ»**
- **Омӯзиш дар самти таҳкими раванди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон**
- **Паёми Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - роҳнамои рушди мамлакат**
- **Мулоқоти корӣ бо роҳбарони ассосиатсияҳои соҳибкорӣ**
- **Омодагӣ ба ҷаласаи навбатии шонздаҳуми Шӯрои машваратӣ**

## МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ «НАҚШИ ШУРОҲОИ МАҲАЛЛӢ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРИВУ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАҲКИМИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ»

Рӯзи 29 январи соли 2016 дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон Мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши шуроҳои маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар таҳкими рушди иқтисодӣ» баргузор гардид.

Чорабиниро муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ифтитоҳ намуда, Лочин Файзуллозода зикр кард, ки таъсис додан ва баланд бардоштани иқтидори институтсионалии шуроҳои навтаъсис ва таъсисшаванда оид ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи маҳаллӣ, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ ба шумор меравад. Тавре қайд карда шуд, мақомоти масъул ва соҳибкорон талошварзиҳои худро дар самти бартараф кардани ҳар як монеа дар фаъолияти соҳибкорӣ, таъсис додани ҳар як ҷойи корӣ дар кишвар, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ метавонанд ҳамчун дастоварди муҳим дар амалӣ намудани сиёсати иқтисодии мамлакат арзёбӣ намоянд. Вобаста ба ин қайд шуд, ки тақвият бахшидани фаъолияти Шуроҳои машваратӣ, ҳамчун механизми асосии амалисозии майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ муҳим мебошад.

Дар чорабинӣ ҳамчунин бо сухани ифтитоҳӣ и.в Роҳбари Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, Ғулом Исакзай баромад карда, ёдовар шуд, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳо барои дастгирии сохторҳои муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи маҳаллӣ корҳои муайянеро амалӣ намуда истодааст.

Сипас, Роҳбари Котиботи Шӯро Нуъмон Абдуғаффорзода дар мавзуи “Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳамчун омили муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ” ва нақши Шуро дар таъсис ва таҳкими фаъолияти шуроҳои маҳаллӣ муаррифнома манзур намуда қайд кард, ки ҳадаф аз баргузории чорабинӣ муаррифии натиҷаҳои корҳои амалигардида дар доираи иҷрои қарори Протоколи ҷаласаи 14-уми Шӯро аз 17 ноябри соли 2014 ҷиҳати таъсиси шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар назди раисони шаҳру

ноҳияҳо ва фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои фаъоляти бомароми онҳо иборат мебошад.

Дар муаррифӣ оид ба таҷрибаи Шӯрои машваратӣ, ислоҳотҳои дар доираи Шӯро гузаронидашуда, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти шуроҳои маҳаллӣ ибрози назар карда шуд.

Дар рафти мизи мудаввар иштирокчиёни он, аз ҷумла Раиси Ассотсиатсияи агробизнеси Тоҷикистон - Шорауф Шораҳматов, Мутахассиси калон оид ба рушди иқтисодии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид - Манучеҳр Раҳмонов, Роҳбари Ассосиатсияи соҳибкории хурду миёна - Матлуба Улҷабоева, Котиби Шуро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон - Зафар Ализода, Котиби Шуро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар водии Рашт - Зафар Ҳисориев, Котиби Шуро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳри Исфара - Ибодулло Фатоев ва дигарон баромад намуда, фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

Ёдовар бояд шуд, ки ҷиҳати рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи маҳаллӣ имрузҳо дар зиёда аз 30 шаҳру ноҳияҳои мамлакат шуроҳои маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таъсис ва фаъолият намуда истодаанд.

Дар ин робита, Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва дастгирии шарикони рушд, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи Барномаи рушди СММ чорабиниҳои заруриро амалӣ намуд. Вобаста ба таъсиси шуроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори институтсионалии шуроҳои амалкунанда дар 9 минтақа ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Рашт,

шаҳрҳои Истаравшан, Панҷакент, Исфара, ноҳияҳои Ҷиликӯл, Шаҳритуз, Восеъ, Фархор ва Темурмалик ва Айнӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд.

Дар идомаи ин раванд дар шаҳри Душанбе рузҳои 21- 24 декабри соли 2015 таҳти унвони “Таҳким бахшидани иқтидори кории кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва котибони шуроҳои машваратӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ”омузиш баргузор гардид, ки дар он 24 нафар иштирокчиён аз шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлон, Суғд, водии Рашт фаро гирифта шуданд. Мақсади асосии омӯзиш аз баланд бардоштани таҷриба, донишу малакаи намояндагони бахши хусусӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони котибони Шурои машваратии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дар раванди Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва таҳкими он нақши калидӣ доранд, иборат буд.

Дар хотимаи мизи мудаввар изҳори итминон карда шуд, ки Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати татбиқи ташаббускориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

## ОМӮЗИШ ДАР САМТИ ТАҲКИМИ РАВАНДИ МУКОЛАМАИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Тавре иттилоъ дода шуда буд, тибқи банди 8-и Протоколи ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 17 ноябри соли 2014 (№1С/22-7 аз 28.11.2014), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсис додани Шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони шаҳру ноҳияҳо ва фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои фаъоляти бомароми онҳо вазифадор карда шудаанд.

Дар ин робита, Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва дастгирии шарикони рушд чорабиниҳои заруриро ба нақша гирифта, мунтазам амалӣ менамояд.

Аз ҷумла дар ҳамкории Котиботи Шурои машваратӣ бо лоиҳаи Барномаи рушди СММ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсиси шуроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори институтсионалии шуроҳои амалкунанда дар 9 минтақа ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилоятҳои Хатлону Суғд, водии Рашт, шаҳрҳои Истаравшан, Панҷакент, Исфара, ноҳияҳои Ҷиликӯл, Шаҳритуз, Восеъ, Фархор ва Темурмалик ва Айнӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Дар идомаи ин раванд дар шаҳри Душанбе рузҳои 21- 24 декабри соли ҷорӣ таҳти унвони “Таҳким бахшидани иқтидори кории кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва котибони шуроҳои машваратӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ”омузиш шуруъ гардид. Мақсади асосии омӯзиш аз баланд бардоштани таҷриба, донишу малакаи намояндагони бахши хусусӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва роҳбарони котибони Шурои машваратии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки

дар раванди Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва таҳкими он нақши калидӣ доранд, иборат мебошад.

Дар ин омузиш 24 нафар иштирокчиён аз шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлон, Суғд, водии Рашт фаро гирифта шуда, онҳо донишу малакаи худро вобаста ба устувор намудани раванди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, паҳлуҳои назариявию амалии корҳои марбут ба Шуроҳои машваратӣ, таҷрибаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ такмил мебахшанд. Дар раванди омӯзиш ба иштирокчиён масъалаҳои гузаронидани мониторинг, роҳу усулҳои таҳкими муколамаи бахши давлат ва хусусӣ, раванди афзалиятгузорӣ ва интихоби (филтратсияи) мавзуъҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои шӯро ва ислоҳоти минбаъда, омода намудан ва баргузории ҷаласаҳои шӯроҳо, марҳилаҳои таъсис ва рушди майдони муколама, доир намудани чорабиниҳо вобаста ба тавсеа ва таҳкими майдони муколама, ислоҳот ва татбики он, муайянкунии доираҳои фарогирии ислоҳот, гузаронидани шаклҳои муколама дар сатҳи гуногун омӯзонида шуданд.

Ҳамзамон, оид ба самаранок роҳандозӣ намудани воситаҳои робитаҳои ҳамкорӣ дар доираи муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, банақшагирии фаъолияти кори Шуроҳои машваратӣ, моҳияти мафҳумҳои зарурӣ дар фаъолияти кории Шуроҳо ва котибони он маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Дар доираи омӯзиш ба таваҷҷуҳи иштирокчиён инчунин муаррифномаҳои котибони Шуроҳои амалкунанда дар сатҳи вилоятӣ (Хатлон), минтақавӣ (водии Рашт) ва маҳаллӣ (шаҳри Исфара) пешниҳод гардид.

Санаи 24 декабр иштирокчиён ба дафтари кории Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид

ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташриф оварда, бо тарзу услуби фаъолият, коргузории он ва масъслаҳои дигар, ки рузҳои омузиш аксаран тариқи назариявӣ маълумот гирифтанд, амалан аз наздик шиносоӣ пайдо намуданд. Иштирокчиёни тренинг чунин таҷрибаомӯзиро дар фаъолияти худ, тавсеа ва таҳкими минбаъдаи он, боз ҳам бештар густариш додани ингуна робитаҳоро барои самаранокии кори Шуроҳои машваратӣ ва рушди майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳи ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Интизор меравад, ки иштирокчиён пас аз бозгашт ба минтақа ва маҳаллахои маскуни худ ҷиҳати фаъол намудани кори шуроҳои машваратӣ дар минтақаҳо ва минбаъд таъсис додани онҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳо сахми худро хоҳанд гузошт.

## ПАЁМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - РОҲНАМОИ РУШДИ МАМЛАКАТ

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мавриди омӯзиши кормандон қарор гирифт.

Дар ин нишаст Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нуъмон Абдуғаффорзода қайд кард, ки Паёми имсола самтҳои муҳимтарини инкишофи мамлакат ва ҳаёти кишварро фаро гирифта, тамоми мақомот, идораву иттиҳодияҳои

ҷумҳуриро ба амлӣ намудани нуктаҳои дар он баёнгардида роҳнамоӣ менамояд.

Тавре қайд гардид, дар Паём фаро гирифта шудани масъалаҳои марбут ба мунтазам коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва зиёд шудани ҷойҳои корӣ, афзудани сармоягузориҳо дар кишвар аз нишондиҳандаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд, ки таҳти ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, тазаккур дода шуд, ки бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ дар Паём ҳадафҳо ва вазифаҳои навбатӣ муайян гардидаанд, ки иҷро намудани онҳо Ватани азизи моро ба сатҳи сифатан нави рушд хоҳанд расонид.

Дар ин робита марҳилаҳои минбаъдаи се ҳадафи стратегии миллӣ - гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани кишвар ва масъалаи таъмини амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат тазаккур дода шуд.

Инчунин зикр гардид, ки як қатор масъалаҳои дигари дар Паём дарҷгардида, аз қабили беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки молия ва қарз, риояи қатъии низоми истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, бахусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ масъалаҳои ба шумор мераванд, ки пайгирӣ ва

амалисозии онҳо ба таъмини суботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар нишасти мазкур кормандон мулоҳизаҳои худро оид ба муҳимтарин нуқтаҳои марбут ба фазои соҳибкориву сармоягузорӣ, мунтазам зиёд шудани ҷойҳои корӣ ва саҳми бахши хусусӣ дар он, рушди соҳибкории истеҳсолӣ, афзудани эътимоди сармоягузорону соҳибкорон ба ислоҳоти дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат амалишаванда, рушди майдони муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун механизми баррасӣ ва пешниҳоди масъалаҳо баён доштанд.

Дар хотима қайд карда шуд, ки фароҳам овардани шароити татбиқи масъалаҳои Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути идомаи ислоҳот дар соҳаҳои иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносӣ ва фаъолияти сохторҳои марбута ҷиҳати иҷрои нақшаву тадбирҳои дар ин самт муайяншуда, ҷалби фаъоли бахши хусусӣ, соҳибкорону сармоягузорон ва шарикони рушд имконпазир буда, вусъат бахшидани корҳо аз ҷониби кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъкид карда шуд.

## МУЛОҚОТИ КОРӢ БО РОҲБАРОНИ АССОСИАТСИЯҲОИ СОҲИБКОРӢ

Нимаи аввали 3 феврали соли 2016 бо иштироки роҳбарони Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон (АМФОТ), Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёна, КВД “Тоҷинвест”, Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ, Маркази

дастгирии рушди соҳибкории шаҳри Душанбе, Ассотсиатсияи ширкатҳои таблиғотӣ мулоқоти корӣ баргузор гардид.

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, пайдо кардани роҳҳои инноватсионии рушди соҳа, амалисозии нақшаҳои мавҷуда баррасӣ гардида, иштирокчиёни мулоқот мулоҳизот ва дидгоҳи худро оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ иброз доштанд.

Зимни ин нишаст Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Нуъмон Абдуғаффорзода атрофи масъалаҳои ислоҳотҳо дар бахши соҳибкорию сармоягузорӣ ва амалисозии минбаъдаи онҳо иттилоъ дода, сари вақт манзур гардидани таклифу пешниҳодоти доираҳои соҳибкориро вобаста ба мавзуъҳои матраҳшаванда мувофиқи мақсад арзёбӣ намуд.

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШОНЗДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани ҷаласаи шонздаҳуми Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ лоиҳаи маводҳои ҷаласа аз ҷониби мутахассисони Котиботи Шуро дар сатҳи баланди таҳлилӣ омода карда шуд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии***

***назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***

***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***